БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2023

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 30 июни соли 2023 дар маҷмуъ 64 ташкилоти қарзии молиявӣ, 16 ташкилоти суғуртавӣ, 4 ташкилоти лизингӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият менамоянд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар семоҳаи дуюми соли 2023 дар маҷмуъ ба 36 347,6 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба аввали сол ба андозаи 11,4 фоиз зиёд мебошад. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 29,4 фоиз баробар гардид.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 30.06.2023 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Адад** | **Дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **Ҳисса бо %** | **Афзоиши дороиҳо нисб. ба ав. сол (%)** |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **64** | **33 537,6** | **92,3** | **11,7** |
| ***Бонкҳо*** | ***15*** | ***28 579,6*** | ***78,6*** | ***11,8*** |
| *Бонки давлатӣ** | *2* | *7 300,2* | *20,1* | *5,5* |
| *Бонки исломӣ* | *1* | *227,9* | *0,6* | *0,5* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *5* | *3 547,7* | *9,8* | *-11,5* |
| *Бонкҳои дигар* | *7* | *17 503,8* | *48,2* | *21,6* |
| ***Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ*** | ***1*** | ***110,7*** | ***0,3*** | ***73,5*** |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***48*** | ***4 847,3*** | ***13,3*** | ***9,8*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *19* | *3 947,0* | *10,9* | *10,1* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *3* | *243,3* | *0,7* | *6,3* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *26* | *657,0* | *1,8* | *9,4* |
| ***Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ*** | ***320*** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **16** | **766,8** | **2,1** | **25,2** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **4** | **292,0** | **0,8** | **27,1** |
| **Биржаҳои фондӣ** | **2** | | | |
| **АСИН**** | **1** | **1 751,1** | **4,8** | **0,0** |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***87*** | ***36 347,6*** | | ***11,4*** |
| ***Бо % нисбат ба ММД*** | | ***29,4*** | | |

**Бо иштироки сармояи давлатӣ*

***Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумот то 31.12.2021)*

Дар давраи ҳисоботӣ 92,3 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба низоми бонкӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (4,8 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (2,1 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (0,8 фоиз) ташкил медиҳанд[1].

Ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат буда, ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд)–ро дар бар мегиранд. Дар семоҳаи дуюми соли 2023 дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба аввали сол ба андозаи 11,7 фоиз афзоиш ёфта, ба 33 537,6 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 320 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла 2 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр ва 1 558 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасонии худро пешниҳод намуданд.

Дар ин давра 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 67 адад филиалҳои худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба аввали сол ба андозаи 25,2 фоиз афзуда, ба 766,8 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба аввали сол ба андозаи 27,1 фоиз зиёд шуда, 292,0 млн. сомониро ташкил намуд.

Дороиҳои АСИН бошад, дар давраи ҳисоботӣ 1 751,1 млн. сомониро ташкил намуда, ба 4,8 фоизи дороиҳои низоми молиявӣ баробар гардид.

---

[1] Эзоҳ: ҳангоми дастрас гардидани маълумоти иловагӣ дар бораи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.